*«Маориф ва маданият»,*
*13 майи 1975*

## 18 китоби феҳраст

Маълум аст, ки ягон соҳаи илм бе мураттаб намудани адабиёти мавҷуда, яъне, китобу маҷмӯаю мақолаҳои чопшуда ва ё дастнавис пеш намеравад. Ҳар олиме, ки ба таҳқиқи ин ё он масъала сар мекунад, пеш аз ҳама рӯйхати адабиёти даркории дахлдорро тартиб дода, пас ба омӯзиши онҳо сар мекунад. Бинобар ин сохтани феҳрасти адабиёт аҳамияти бағоят калони амалӣ дорад. Маҳз барои ҳамин ҳам баъзе муассисаҳои махсус, шӯъбаҳои дахлдори китобхонаҳо ва корхонаҳои илмӣ бо тартибу танзими адабиёт машғул мебошанд.

Шоистаи таҳсин аст, ки соли 1969 Шӯъбаи ахбороти Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон ба тартиб додани феҳрасти адабиёти илмҳои ҷамъиятӣ шурӯъ намуда буд. Шӯъбаи мазкур феҳрастҳои таҳияшударо дар шакли китобҳои алоҳида мунтазам ба табъ мерасонад, ки то ин дам 18 китоби он аз чоп баромадааст.

Шумораи якуми феҳраст, ки соли 1969 нашриёти «Дониш» онро ба табъ расонид, аз рӯйхати мухтасари китобҳо ва мақолаҳои алоҳидаи дар журналҳои Тоҷикистон дар нимаи якуми соли 1969 чопшуда иборат буд.

Китоби якуми феҳраст, ки ҳамагӣ 47 саҳифа дошт, хеле мухтасар ва ноқис буд. Дар китоб тавзеҳот рақамҳои тартибӣ надоштанд: феҳрасти муаллифони китобу мақолаҳо дар охир зикр нашуда буд, ки дар натиҷа кори ҷӯянда мушкилтар мегардид. Мураттибон ҳатто, номи худро зикр накарда буданд. Ин камбудиҳо ва баъзе норасоиҳои дигар аз шумораи дуюми феҳраст сар карда ислоҳ шуданд. Шумораи дуюм, соли 1970 (дар нашриёти «Дониш»)

ба табъ расид ва он рӯйхати нисбатан мукаммали китобу мақолаҳои дар нимсолаи дуюми соли 1969 чопшударо дарбар мегирад. Ин китоб ҳаҷман низ калон шуд; он ба 124 саҳифа расид. Мураттибони феҳраст М. Салимшоева ва Л. Молчанова.

Ходимони шӯъбаи ахбороти китобхонаи мазкур, махсусан Д. Дисская, А. Рыжикова, Ҳ. Бузургова корҳои шоёни таҳсинро адо намуда истоданд. Маълум аст, ки китобу мақолаҳои алоқаманд ба илмҳои ҷамъиятии Тоҷикистон на танҳо дар дохили республикаи мо, балки берун аз он, ҳатто дар шаҳру кишварҳои хориҷӣ низ чоп мешаванд. Бинобар ин, ходимони шӯъба доираи фаҳрастро торафт мукаммал менамоянд; ҳоло онҳо мақолаҳои муҳимтарини газетавӣ, китобу мақолаҳои дахлдори дар беруни Тоҷикистон ва хориҷи мамлакат чопшударо низ ба қадри ҳол ба феҳраст дохил карда истодаанд. Бояд гуфт, ки аз шумораи 5 (соли 1971) сар карда феҳраст ба таври мунтазам соле чаҳор шуморагӣ (яъне, дар ҳар як чоряки сол якборӣ) баромада истодааст. Қобили қайд аст, ки феҳраст торафт пурра ва мукаммал шуда истодааст.

Дархости асосии хонандагон ин аст, ки феҳраст, аз як тараф, боз ҳам мукаммалтару пурратар гардонида шавад (он тамоми адабиёти оид ба таърих, фалсафа ва адабиёту санъати халқи тоҷикро фаро гирад), аз тарафи дигар тавзеҳоти мухтасари адабиёти нисбатан дастнорас (махсусан дар хориҷа ва ба забонҳои хориҷӣ чопшуда) андаке пурқувваттар ва васеътар гардонида шаванд. Дар натиҷа, ҳам қадру эътибори фаҳраст боз бештар меафзояд, ҳам меҳнати тадқиқотчиён сабуктар мегардад.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ.**